**Суханронии хатмкунандаи беҳтарин**

Ҳамсабақони азиз, меҳмонони арҷманд, волидони мӯҳтарам, аъзои ҳайати илмӣ ва кормандон, субҳи ҳамаи шумо ба хайр бод. Имрӯз, мо дар ин муносибати фархунда гирди ҳам омадаем, то ки маросими хатми барои саввумин соли хатмкунандагон муҳимро ҷашн бигирем. Имрӯз, ман - Ваҷоҳат Хон, бо ифтихор ва сипоси фаровон, ба намояндагӣ аз хатмкунандагони соли 2023-и Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ба унвони суханрон дар баробари шумо қарор дорам.

Вақте дар мавриди сафаре, ки ҳамаи моро то ба ин ҷо расонд, фикр мекунам, ёди неруи устувор ва ҷустуҷӯи донишро ба ёд меорам. Роҳҳои мо гуногун ва собиқаҳои мо аз ҳам мутафовит будаанд, аммо он чӣ моро муттаҳид мекунад, садоқат ва ӯҳдадории қавии мо ба рушду камоли омӯзишӣ будааст.

Ман аз дараи Ҳундури Ёсин ҳастам, ки дуртарин бахши Балтистон дар Гилгит аст. Ҷое, ки дар он дастрасӣ ба омӯзиши босифат маҳдуд аст ва наздиктарин мактабҳо фарсаххоо дуртар воқеъ гардидаанд. Сарфи назар аз ин мушкилот, ба ман муяссар шуд, ки таҳсил бигирам ва ин чолишҳо ба ман омӯхтанд, ки дастрасӣ ба омӯзиши босифат имтиёзест, ки бисёре аз мардуми ҷаҳон аз он бенасиб аст. Имрӯз, ман аз фурсате, ки барои гирифтани таҳсилоти хуб дар ихтиёр доштаам, сипосгузорам. Ман хушбахтам волидайне доштаам, ки тухми муҳаббат ба таҳсилотро аз замони кӯдакӣ дар вуҷуди ман коштаанд. Онҳо маро ҳамеша ташвиқ мекардаанд, ки мутолиа кунам, савол диҳам ва дунёи атрофамро таҳқиқ намоям. Ман, ҳамчунин аз муаллимоне сипосгузорам, ки ба ман дар ин роҳ кумак кардаанд, маро ба чолиш кашидаанд то мунаққидона фикр кунам ва ташвиқ кардаанд, ки ҳаргиз аз орзуҳоям даст накашам. Сафари ман аз кӯҳҳои Гилгит то таҳсилоти синфхонаҳои пурқуввати Донишгоҳи Осиёи Марказӣ пур аз чолишҳо ва таҷрибаҳои созанда будааст, ки дар мубаддал шудани ман ба як фарди кунҷков ва муштоқ ба рушди фикриву шахсӣ кумак намудааст. Ман мутмаинам, ки ҳар як аз ин хатмкунандагони дар ин ҷо нишаста, дар зиндагӣ ва дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ҳамин гуна як сафари беназир ва ҳаяҷонангезе доштаанд.

Қабл аз ин ки ба нақли таҷрибаи шигифтангези худ дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бипардозам, мехоҳам аз ҳамаи шунавандагон даъват намоям, то барои тамоми донишҷӯёни шуҷоъи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар шаҳракҳои донишҷӯии Хоруғ ва Нарин, ба хотири пирӯз шуданашон бар чолишҳо ва пешрафти муваффақонаи онҳо  кафкубӣ намоянд.

Дар ёд дорам, вақте ки нахустин бор ба кампус ворид шудам, ҳамаи донишҷӯёни аршад муштоқи дидани навомадагон ва шунидани достонҳои рангоранги онҳо буданд. Дар ибтидо, мо нигарон будем, ки оянда бароямон чӣ тақдиреро пеш меорад. Зиндагӣ дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ таркибе аз болоҳову поинҳост. Дар ҳоле ки нороҳатӣ ва ноумедӣ метавонад бахше аз расидан ба ҳар макони ҷадид бошад, чизе ки ин донишгоҳро ба унвони як муассисаи сатҳи ҷаҳонӣ мутамоиз месозад, рӯҳияи пурҷунбу ҷӯш ва илҳомбахши он мебошад, ки моро, ҳатто дар сахттарин замонҳо ба ироаи беҳтарин натиҷаҳо қодир сохтааст. Донишгоҳи Осиёи Марказӣ воқеан ба мо кумак кард, то худамонро беҳтар шиносем ва нуқоти қуввати худро кашф намоем, то битавонем бо итминон аз монеаҳои  зиндагӣ убур кунем. Барои онҳое аз шумо, ки дар ин ҷо нишастаед ва дар мавриди чолишҳо фикр мекунед, яке аз мисолҳо метавонад омӯзиши онлайн дар замони пандемияи Ковид бошад. Агарчӣ мо аз гармии болопӯшҳо ва шояд аз чанд ғанаби кӯтоҳ дар ҳангоми дарс лаззат бурда бошем, аммо ёд гирифтем, ки набояд таслим шавем. Ҳамсабақони ман ин лаҳза ба ин мавзӯъ фикр мекунанд, махсусан онҳое ки писханд мезананд. Ёдоварӣ аз хотироти ин солҳо, дар воқеъ, дар вуҷуди мо ҳисси дилтангӣ ё носталгияро эҷод мекунад. Бинобар ин, мо ин хотиротро хоҳ хуб бошанду хоҳ бад ва хоҳ талх бошанду хоҳ ширин гиромӣ медорем. Ман хуб дар ёд дорам, ки боре

ба соли таҳсили 2023 пироҳанҳое бо расми “Кӯҳҳои имкон” дода шуда буданд. Донишгоҳи Осиёи Марказӣ воқеан фурсатҳо ва имконоти фаровоне дорад ва омӯзиш дар бораи эътирофи гуногунӣ ва плюрализм ба унвони арзишҳои бунёдии Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ин фурсатҳоро ҳамроҳӣ мекунад.

Ин достон бидуни ёдоварӣ кардан аз ҳимоят ва талошҳои хастагинопазири ҳар узви ҷомеаи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ такмил намешуд. Мехоҳам бо истифода аз ин фурсати хос, аз Канслери Донишгоҳ Волоҳазрат Оғохон ва Шӯрои Парасторон ба хотири бинишашон дар эҷоди як донишгоҳи муътабар дар манотиқи кӯҳистонии Осиёи Марказӣ қадрдонӣ намоям. Ман аз роҳбарият, мудирият ва кормандони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ба хотири фидокории беназири онҳо ва ҳидоят намудани мо дар ин сафар сипосгузорӣ менамоям.

Ҳамаи мо хатмкунандагон аз аъзои ҳайати илмӣ ва устодони барҷастаи худ қарздор ҳастем, ки бо азму иштиёқи беандоза ҳастии худро ба мо бахшиданд, моро бо омӯзиши босифат муҷаҳҳаз сохтанд ва ҳатто дар рӯзҳое, ки ангеза надоштем, моро ташвиқ намуданд, то масофаи бештареро тай намоем.

Ман мехоҳам аз бахши таҷрибаомӯзӣ барои ироаи фурсатҳои арзишманд сипосгузорӣ намоям. Аъзои тими ҳаёти донишҷӯӣ ба хотири талошҳои хастанопазирашон дар ҳимоят намудан аз мо ва эҷоди ҳамоҳангӣ дар зиндагии мо шоистаи қадрдонӣ ҳастанд. Ман аз ҳамаи намояндагони хонаводаҳои хатмкунандагон, волидон, сарпарастон, хоҳарону бародарон, ки шояд кумаку фидокории онҳо ба таври ошкор шинохта нашуда бошад, ташаккур мекунам.

Илова бар ин, мехоҳам аз ҳамаи азизоне, ки дар зиндагӣ ба ман илҳом бахшидаанд ва дар рушду камол ва ташаккули шахсияти ман нақши бузурге доштаанд, қадрдонӣ намоям. Ман мехоҳам ба ҳамаи волидон, ба хотири ғамхориҳои бедареғ ва фидокориҳояшон, ки бидуни онҳо расидан ба ин лаҳза ғайриимкон буд, изҳори сипос намоям.

Мадраке, ки имрӯз дарёфт хоҳем кард, рамзи худсозиву муваффақият ва нишоне аз ниҳодест, ки биниш ва арзишҳои он ҳамчунон дар зиндагии ояндаамон таъсир хоҳанд дошт. Мо набояд фаромӯш кунем, ки ин самараи як ҷомеаи аз назари ақлонӣ ва фикрӣ илҳомбахш аст, ки мо аз он арзишҳои ғамхорӣ ва ҳисси масъулият дар баробари ҷомеаро омӯхтем. Мо бояд намунае аз тағйире бошем, ки мехоҳем дар ҷаҳон шоҳиди он бошем. Дар ҳоле ки мо ба масирҳо ва рӯйдодҳои ҷадид ворид мешавем, бояд ҳомиён ва сафирони сулҳу дониш бошем. Сафари мо дар ин ҷо хатм намешавад, балки мо ба дунболи рушду камол ва овардани тағйир ба ҷомеаҳои худ ва ба ҷаҳон хоҳем буд. Биёед, дар якҷоягӣ чолишҳоеро, ки дар пеши рӯ дорем, бипазирем ва на танҳо барои муваффақияти худ, балки ба хотири пешрафти ҷомеа дар кулл талош намоем.

Ман мехоҳам суханронии худро бо баёне аз Канслери Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, Волоҳазрат

Оғохон хулоса намоям, ки фармудааст: “Барои омода шудан ба тағйир ҳеҷ роҳе беҳтар аз омӯзиш вуҷуд надорад”.

Ман бори дигар ҳамсабақони хатмкунандаамро табрик мегӯям ва умедворам ин паём чароғи роҳи шумо бошад.

Саломат бошед!

Ташаккур.